*Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон бо суроғаи ш.Душанбе, 734067,
кӯчаи Нахимов, 64/14*

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Ҷулиев Музафар Ҳалимович дар мавзуи “Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии таъмини ҳамгироии рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07.- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

Низоми бонкӣ яке аз қимҳои таркибии иқтисодиёти миллӣ маҳсуб ёфта ба он давлат дар доираии санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва дигар масоили ба рушди он вобаста ба имкониятҳои мавҷуда аҳамияти доимӣ медиҳанд. Қайд кардан зарур аст, ки низоми бонкӣ дар бартараф кардани норасоии маблағҳои пулӣ ба корхонаҳои истеҳсолӣ ҳамкории доимӣ дошта онҳоро дастгирӣ менамоянд. Бояд қайд намуд, ки новобаста аз мушкилотҳои ҷойдошта дар сатҳи низоми бонкӣ ва иқтисодиёти миллӣ бонкҳо дар иҷрои вазифаҳои худ вобаста ба таъмини иқтисодиёт бо пул фаъол мебошанд.
Бино бар ин мавзӯи интихобшуда ва таҳқиқоти анҷомдодаи Ҷулиев Музафар Ҳалимович дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳама нуқтаи назар актуалӣ буда меҳнати зиёд ва маҳорати баланди кордониро тақозо менамояд.

Дар ин маврид воқеан гуфтаҳои Ҷулиев Музафар Ҳалимович қобиди дасгирӣ мебошанд, ки иқтисодиёти имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бидуни дастгирии бахши бонкӣ ва ташкили ҳамгироии байниякдигарии бахшҳои иқтисодиёт тасаввур кардан ғайриимкон аст. Зеро дар шароити имрӯза таъмини мувозинати рушди бахшҳои воқеии иқтисодиёт ва низоми бонкиро бидуни ҳамгироии байниякдигарӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Вобаста ба ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми бонкӣ ҳамчун механизми асосӣ ҷиҳати фаъол гардонидани субъектҳои иқтисодӣ дар самти истеҳсолот ва хизматрасонӣ пас аз ба даст овардани истиқлолият ба воситаи пешниҳоди қарзҳо ва хизматрасониҳои худ таркиби иқтисодиётро дигаргун сохта, болоравии истеҳсолотро то як андоза аз ҳисоби субъектҳои иқтисодии ба захираҳои қарзӣ эҳтиёҷдошта таъмин намуд.

Дар автореферати диссертатсияи Ҷулиев Музафар Ҳалимович дастовардҳои зиёдро мушоҳида кардан мумкин аст, аммо баъзе норасоиҳоро

низ мушоҳида кардан мумкин аст. Ҳам замон бо ин ба андешаи мо дар афтореферати ӯ норасоии зерин мавҷуд аст;

- Коркардҳои муаллиф, ки моҳияти аслии рисолаи илмиро нишон медиҳанд дар автореферат ба мушоҳида намерасад ва ин метавонад дар доираи барраси масъала баҳсҳои иловагиро ба миён меоварад;
- Дар матни автореферат баъзан ҳолат хатогиҳои граматикӣ ва сталистикӣ ба назар мерасад.

Вобаста ба натиҷаҳои бадастоовардашуда ва таҳқиқоти амиқ анҷомгардида, автореферати диссертатсияи Ҷулиев Музафар Ҳалимович дар мавзуи “Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии таъмини ҳамгироии рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, Ҷулиев Музафар Ҳалимович сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақризнавис:**
н.и.и., дотсенти кафедраи андоз ва
суғуртаи Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон Қурбонов А.Р.

Имзои Қурбонов А.Р.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.

**Суроға:**
734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. деҳоти ½
Тел: +992 (31) 234-83-46.
E-mail: tguk@mail.ru